**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

**ТАҚРИЗИ**

**ба автореферати диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмуи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022. – 30 саҳ).**

Дар даврони муосири инкишофи ҷомеа ҷазо ҳамчун воситаи муҳим ва ниҳоии мубориза бо ҷинояткорӣ боқӣ мемонад. Бо дарназардошти ин нуктаи муҳим таъини ҷазо танзими ҳуқуқии мукаммал ва аз назари илмӣ асоснокро талаб месозад, ки дар асоси он ба шахси гунаҳгор ҷазои сазовор дода шуда, тавассути амалисозии ин чораёни ҳуқуқӣ бояд талаботи принсипи адолат риоя шавад ва ҷазо дар ҳадде таъин гардад, ки барои ноил шудан ба мақсади дар пешгузошташуда заминаи ҳуқуқиро фароҳам орад. Маҳз дар ҳамин мафҳум моҳияти яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода мегардад.

Масоили таъини ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таваҷҷуҳи олимони зиёдро ҳамеша ба худ ҷалб сохтааст, аммо дараҷаи омӯзишу таҳлили ин масъалаи муҳим то имрӯз нокифоя ба назар мерасад. Масалан, то ҳол дар мавриди ҷудо намудани вақте ки пас аз он содир намудани ҷинояти нав боиси таъини ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо мегардад, инчунин лаҳзаи баровардани ҳукм ё эътиборӣ қонунӣ пайдо намудани он, андешаҳои ягона ҷой надоранд. Дар қонун тартиби қисман зам намудани ҷазо муайян нашудааст, ки ин ба судҳо имкон медиҳад, қисми ҷазоҳои таъиншударо аз нигоҳи худ зам намоянд ва як қисми ҷазои барои ҷиноятҳои алоҳидаи ба маҷмуъ дохилшавандаро умуман ба эътибор нагиранд, ки ин омил боиси беасос озод гардидан аз қисми ҷазои таъиншуда мегардад.

Нуктаҳои зикрёфта зарурати омӯзиш ва таҳлили минбаъдаи масоили таъини ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо, коркарди таклифу пешниҳодҳои асоснокро доир ба мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ва амалияи татбиқи онҳо дар ин самт тақозо менамояд.

Бинобар ин, масоили таъини ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо, ки таҳқиқбаранда Аминзода З.Т. рисолаи илмии худро дар ин хусус ба анҷом расонидааст, яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад

ва натиҷаҳои таҳкикоти анҷомдодашуда барои назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти калонро соҳибанд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Пажӯҳишгар дар ин замина, як қатор нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили қонунгузории кишвар оид ба масоили таъини ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо бисёр пураҳаммият мебошанд. Диссертант таҳқиқоти рисолаи илмии худро дар заминаи қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ анҷом дода, тавассути он роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории ҷиноятиро дар самти масоили таъини ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо пешбинӣ намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо то ҳадди зарурӣ ҳал намудааст, вале новобаста аз ин, ҳанӯз баъзе масъалаҳое дар ин самт ҷой доранд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд. Аз ҷумла:

1. Таҳқиқбаранда қайд менамояд, ки зери истилоҳи "маҷмуи ҷиноятҳо" дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ду фаҳмиш вуҷуд дорад. Аз як тараф вай гуногуншаклии ҳолати сершумории ҷиноятҳоро ифода намуда, аз тарафи дигар ин муносибати махсус ҳангоми таъини ҷазо мебошад. Дар ин ҷо ифодаи аввал дувуминро пурра намуда, аз пурра кушода додани сифати мазмуни маҷмуи ҷиноятҳо моҳияти ҳастии масъалаҳо оид ба принсип ва қоидаҳои таъини ҷазо барои чунин ҳолати сершумории ҷиноятҳо вобастагӣ дорад (саҳ. 16). Аммо хубтар мебуд, ки агар таҳқиқбаранда мафҳуми мавриди назарро пурра шарҳ медод.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснокаанд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Аминзода Зокирҷон Тоҳир ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмуи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он

сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Зокирзода З.Х.

Имзои З.Х. Зокирзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Шодизода Н.М.

«20» 03 2023 с.

Суроға: ноҳияи Рашт, кӯч. Э. Муҳидинов, тел: (83131) 21103, (83131) 21099; (83131) 21081, (83131) 21103. E-mail: dot.rasht@mail.ru.